**ХУЛОСАИ**

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №3)

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 12.04.2025, №11**

Дар бораи сазовор донистани Кабиров Шарифбек Абдусаломович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

Диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович таҳти унвони «Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, таҳти № 18/шд тамдидшуда) аз 22-юми июни соли 2024, суратмаҷлиси № 14 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Кабиров Шарифбек Абдусаломович 15-феврали соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Солҳои 2000-2011 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10 ноҳияи Ҷайҳун таҳсил карда, пас аз хатми он ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тибқи квотаи Президенти дохил шуда онро соли 2015 хатм намудааст.

Кабиров Шарифбек Абдусаломович солҳои 2015-2017 зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро хатм намудааст.

Кабиров Шарифбек Абдусаломович ба ҳайси унвонҷӯ соли 2021 ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул ва мавзуи рисолаашро дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳти роҳбарии номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна тасдиқ намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст. Имтиҳонҳоро аз фанҳои «фалсафаи илм» бо баҳои «хуб», «Забони хориҷӣ (забони олмонӣ)» «хуб» ва «Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ» бо баҳои «аъло» супоридааст.

Диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар ҷаласаи васеи кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (суратҷаласаи №4 аз 28.11.2024) баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна** - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Муқарризони расмӣ:**

**Шафоатов Азал Нусратович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов;

**Наҷмиддинов Акбаршоҳ Файзуллоевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи мутолиоти аврупоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич ва ташхисгар номзади илмҳои филология, дотсент Муродов Баҳриддин Раҳмонович, котиби илмии ҷаласа Робияи Абдусамад бо имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович кори ба анҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст,

интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегарданд, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаб 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**1.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**:

**[1-М]. Кабиров, Ш. А.** Методологияи таҳлил ва тарҷумаи сленги варзишии забони англисӣ / Ш.А. Кабиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2023. - №1/3(113). - С. 53-58. *ISSN 2663-5534*

**[2-М]. Кабиров, Ш. А.** Таҳлили истифодаи табдилдиҳии тарҷума дар тарҷумаи мафҳумҳои варзишии англисӣ / Ш. А. Кабиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2023. №1/4(116) С. 26-31. *ISSN 2663-5534*

**[3-М].** Ҳасанова Ш. Р. Мафҳумҳои варзишии англисӣ ва махсусияти онҳо [Матн] / Ш. Р Ҳасанова, **Ш. А. Кабиров** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе 2024. – №5. –С.42-47. ISSN 2413-516X.

**[4-М]. Кабиров, Ш. А.** Ҳалли методии тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба тоҷикӣ [Матн] / Ш. А. Кабиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе 2024. – №5. – С.78-83. ISSN 2413-516X.

**[5-М]. Кабиров, Ш. А.** Ҷанбаҳои назариявии тарҷумаи мафҳумҳои варзишии англисӣ бо забони точикӣ [Матн] / Ш. А. Кабиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе 2024. – №6. – С.75-80. ISSN 2413-516X.

**[6-М]. Кабиров, Ш. А.** Лексикаи варзишии забони англисии муосир ва таснифоти он / Ш.А. Кабиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бохтар, 2024. №1/3(125) С. 167-171. *ISSN 2663-5534*

**2. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

**[7–М]. Кабиров Ш. А.** Мусоҳибаи варзишӣ ва хусусияти тарҷумаи онҳо [Матн] / Ш. А. Кабиров // «Актуальные проблемы языкознания и

литературоведения в современном времени». (маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ). Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе, 2022. – С. 254-259.
[8–М]. **Кабиров Ш. А.** Мафҳумҳои варзишии англисӣ дар матнҳои публитсистии бадеӣ ва хусусиятҳои тарҷумаи онҳо [Матн] / Ш. А. Кабиров // «Актуальные проблемы филологии, перевода и методики преподавания русского и английского языков в образовательных учреждениях» (маводи конференсияи ҷумҳурияви). Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2023. – С. 200-209.
[9–М]. **Кабиров Ш. А.** Мафҳумҳои варзишии англисӣ ва махсусияти лексикаи онҳо [Матн] / Ш. А. Кабиров // «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ ва усулҳои таълими забонҳои хориҷӣ дар замони муосир» (маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ). Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2024. – С. 171-175.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд**:

**1**. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осими Бобоева Мадина Маруфовна мусбӣ буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст.

А). Дар автореферати диссертатсия дар саҳифаи 14 тарҷумаи англисии феъли ғалабакардан (to win) партофта шудааст, ки ислоҳи онҳо ба сифати кор мебошад.

Б). Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд;

**2**. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара, Қосимов Муҳамадҷон Сафарович мусбӣ буда, ба автореферат эрод нагирифтааст.

**3**. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, котиби шурои олимони Донишгоҳи байналмилали сайёҳи ва собкории Тоҷикистон Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна мусбӣ буда, ба автореферат се эрод гирифтааст;

А) Дар таксимбандии фаслу зерфаслҳои бобҳои диссертатсия норасоиҳо вуҷуд доранд (Масалан боби якум ва дуюм аз 3 фасл ва 4 фасл ва чанд зерфасл иборат буданро дар шарҳи бобҳои диссертатсия қайд накардаанд.

Б) Агар унвони мавзуи диссертатсия «Хусусиятҳои маънои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои соҳаи варзишӣ аз забони англисӣ ва забони точикӣ» номгузорӣ мешуд, унвони мавзуъ мантикан дуруст мешуд;

В) Дар автореферати диссертатсия хатогиҳои техникӣ, услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд, аз чумла дар сахифаҳои 9 (дар як чумла калимаи пажуҳишҳо ва пажуҳиш такрор омадааст); 12 (биатлон (хуб мешуд, ки дар кавсайн варианти точикӣ, яъне ду рақобат ё ду мусобиқа оварда мешуд); кариб дар ҳамаи саҳифаҳо (соҳаи варзишӣ навишта шавад, чунки варзиш як соха аст); 18 (мафҳуми спринтро ба точикй дар кавсайн бо суръати баланд давидан дар муддати куток навиштан лозим) ва дар аксари саҳифаҳо мафҳумҳои иқтибоси оварда шудаанд, ки муодили онҳо дар забони точикӣ вучуд дорад (масалан, дискурс (муҳокима), сленг (гуфтори ғайрирасмӣ) ва ғайра.

**4.** Тақризи номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии МДТ-и "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров" Усмонова Рухшона Раҳматовна мусбӣ буда, ба автореферат се эрод гирифтааст;

А) Дар афтореферати диссертатсия баъзе хатогиҳои имлои ба чашм мерасанд.

Б) Матни забони русиаш бо матни тоҷикӣ пурра мувофикат мекунад вале дар он қоидаҳои имлоӣ баъзан сарфи назаршудаанд.

В) Забони рисола равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасад.

**5.** Тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатиии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Наргиз Шариф мусбӣ буда, ба автореферат эрод нагирифтааст;

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳамияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– дар диссертатсия аввалин маротиба омӯзиши назариявии мафҳумҳои варзишӣ дар забони имрӯзаи англисӣ ва муқоисаи он дар забони тоҷикӣ ба роҳ **монда шудаст;**

- аввалин маротиба усулҳо ва методҳои тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ **нишон дода шудааст.**

- мушкилоти тарҷумаи калимаҳои соҳаи варзиш аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ **ошкор гардидаст;**

- нахустин бор дар диссертатсия хусусият ва методҳои асосии тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ **муайян карда шудааст;**

- умумият ва фарқияти мафҳумҳои соҳаи варзиш дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ **нишон дода шудааст.**

**Аҳаммияти назарияви таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** маводди диссертатсионии мазкур метавонад дар омӯзиши минбаъдаи муқоисавии мафҳумҳо, истилоҳоти варзишӣ ҳангоми тарҷума мусоидат намояд. Натиҷаҳои бадастомада барои ҳалли як қатор масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ ҳангоми муқоиса ва тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳамчун заминаи илмию назариявӣ метавонанд мавриди **истифода қарор гирад.**

Дар баробари омӯзиш ва баррасии мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ҳамчун хусусиятҳои умумӣ ва хоси сохтори забонҳои муқоисашаванда, шуури ҷамъиятӣ, тафаккури миллӣ, ҳувият ва фарҳанги тоҷикзабонон ва англисзабонон **омӯхта шуданд.**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия**, чунин тасдиқ карда мешавад, ки тавсияҳои назариявӣ-методии пешниҳодкардашуда доир ба роҳҳо, усулҳо ва методҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии англисӣ ба таври васеъ мавриди истифодаи амалӣ қарор гирифта метавонанд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, бо методологияи муносибати низомӣ, консепсияи илми забонишносӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқикот такя мекунад. Натиҷаҳои илмии диссертатсия барои омӯзиши забони англисӣ, тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии англисӣ барои тарҷумонҳо хизмат **карда метавонад.**

Ҳамчунин, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар раванди таълими равияи забоншиносии муқоисавии таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ ҳамчун дастури таълимӣ **истифода шаванд.** Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таълифи луғатҳои дузабонаи забони англисӣ-тоҷикӣ мавриди **истифода карор дод.**

Натиҷаҳои таҳқиқ дар раванди таълими лексикология, фразеология, забоншиносии муқоисавӣ, забоншиносии фарҳангӣ, забоншиносии шинохтӣ ва барои гузаронидани семинарҳо ва курсҳои махсус аз фанҳои забоншиносии муқоисавӣ, забоншиносии фарҳангӣ ва забоншиносии шинохтӣ истифода **бурда мешаванд**. Натиҷаҳои таҳқиқро барои тайёр намудани асосҳои лингвистии омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар муассисаҳои олии филологӣ ва муассисҳои ғайрифилологӣ дар раванди

таълим дар вақти гузаронидани курсҳои махсус, семинарҳо ва дар лексияҳо аз фанҳои забоншиносии муқоисавӣ, забоншиносии фарҳангӣ ва шинохтӣ метавон **истифода кард.** Дар ташкили барномаҳои таълимӣ ва китобҳо аз фанҳои забоншиносии муқоисавӣ, забоншиносии фарҳангӣ ва забоншиносии шинохтӣ натиҷаҳои таҳқиқро низ истифода **бурдан мумкин аст.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки** пажуҳиши назариявӣ ва амалии мафҳумҳо, матнҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ диққати донишмандону муҳаққиқони ватаниву хориҷиро барвақт ба худ ҷалб карда буд. Боиси зикр аст, ки ин мавзуъ аз ҷониби донишмандону забоншиносони зиёде мавриди омӯзишу пажуҳиш **қарор гирифтааст.**

Ҳангоми таълифи диссертатсия ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқи илмӣ ва таълифоти донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили к С.Қ. Матробиён М. Ҷабборӣ, П. Ҷамшедов, Ф. Турсунов, А. Мамадназаров, З. Мухторов, Д. Искандарова, Ҳ. Саидов, Ҷ. Худойбердиева, М. Б. Нағзибекова, Ш. Б. Каримов, З. Ғафуров А. В. Алексеев, Г. И. Атаманова, Л. С. Бархударов, Н. Н. Бобирова, С. В. Гринев, А. М. Гуреева, А. А. Елистратов, В. Н. Комисаров, А. А. Малуш, Е. В. Птушкина ва муҳаққиқони аврупоӣ, аз ҷумла А. Аурбеч, Е. Берсес,  ва дигарон истифода шудаанд.

Дар диссертатсия калимаву ибораҳои ифодакунандаи соҳаи варзиш дар забони англисӣ,ки яке аз воҳидҳои асосии ин забонро ташкил медиҳанд ва омӯзишу пажуҳиши хусусиятҳои онҳо аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дузабона, фразеологӣ муқоисавӣ, татбиқӣ **истифода шудааст.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки ӯ бори нахуст дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала, омӯзиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ, таҳлили маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои таҳқиқотӣ бадастомада, истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот дар ташкил ва баргузор намудани таҳқиқоти омӯзишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди таҳқиқ, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ **иҷро намудааст.**

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 12-уми апрели соли 2025, №11 дар бораи сазовор донистани Кабиров Шарифбек Абдусаломович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, ки аз инҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Дар овоздиҳӣ аз 11 нафар аъзои ба ҳайати Шурои диссертатсионӣ шомилбуда, 11 нафар овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раис: раиси Шурои
диссертатсионӣ, профессор Турсунов Ф. М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, дотсент Абдуллоева Г. З.

12-уми апрели соли 2025